**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**профессор____________Хушвахтзода Қ.Х.**
**«___» ______________2020 с.**

ХУЛОСАИ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Факултети журналистика
Кафедраи журналистикаи байналхалқӣ

Диссертатсияи “Нақши матбуоти даврии тоҷик дар инъикоси ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон марбут ба об” аз рӯйи ихтисоси 6D051600 – Рӯзноманигории байналхалқӣ дар кафедраи журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Дар давраи таълифи диссертатсияи номзадӣ муҳаққиқ Баҳромзода Манижаи Зафаршодухт дар кафедраи журналистикаи байналхалқӣ ба сифати докторанти фалсафа (Ph.D), доктор аз рӯйи ихтисоси рӯзноманигории байналхалқӣ (6D051600) ба кори пажӯҳишӣ машғул буд.

Ӯ соли 2013 зинаи бакалавр ва соли 2015 зинаи магистратураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси журналистикаи байналхалқӣ хатм намуд.

Ҳангоми таҳсил дар зинаи докторантура - доктори фалсафа (Ph.D), доктор аз рӯйи ихтисоси рӯзноманигории байналхалқӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, талаботи нақшаи таълимиро аз бар намуда, маълумотномаи академиро оиди фанҳои азбарнамуда ва супоридани имтиҳони маҷмӯӣ (комплексӣ) соли 2019 гирифтааст.

Роҳбари илмӣ – Муқимов М. А. – доктори илмҳои филология, профессори кафедраи журналистикаи байналхалқии ДМТ

**Дар натиҷаи муҳокима чунин хулоса шуд:**

Мавзӯи диссертатсия муҳиму мубрам буда, дар он таҳлили маводи матбуоти даврии тоҷик вобаста ба нақши Тоҷикистон дар ҳалли проблемаҳои глобалии об, муайян намудани мавқеи матбуоти расмиву мустақили тоҷик дар инъикоси ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон дар масъалаи об, нишон додани нақши матбуоти ватанӣ дар амалӣ гардидани ҳадафҳои глобалии экологии Тоҷикистон, муқоиса намудани маводи нашрияҳои расмӣ ва мустақили кишвар доир ба инъикоси ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон дар ҳалли мушкилоти об, мушаххас намудани теъдоди жанрҳои истифодашуда оид ба баррасии масоили глобалии об ва иқлим дар давоми солҳои 2000-2018 дар саҳифаҳои матбуоти мавриди таҳқиқ ва дигар ҷузъиёти вобаста ба нақши матбуоти даврии тоҷик дар баррасии ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон марбут ба об мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Дар таҳқиқи мавзӯъ муаллиф муносибати илмӣ намуда, таҳлилҳо ва хулосаҳояшро дар такя ба факту далелҳо ва назарияҳои гуногуни илмӣ асоснок намудааст.

Зарурати интихоби мавзӯъ ва таҳқиқи онро дар заминаи пешниҳоди ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон марбут ба об таъсис додани рубрикаҳои махсус оид ба масъалаи об дар саҳифаҳои матбуоти даврии тоҷик, баррасӣ гардидани аҳамияти ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон марбут ба об дар саҳифаҳои матбуоти даврии тоҷик ва ба майдони асосии тарғибкунандаи фарҳанги дурусти истифодаи об табдил ёфтани матбуоти даврии тоҷик ташкил медиҳад. Дар маводи матбуоти даврии тоҷик баррасӣ ва тарғиб гардидани ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон марбут ба об, нишон додани муҳиммияти ташаббусҳои мазкур барои минтақа ва ҷаҳон, инчунин ташаккул додани афкори умум дар масъалаи дарки паҳлӯҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии об, созгору таъсиргузор будани нақши матбуотро дар ҳаёти ҷомеа собит карда

метавонад. Ин ва дигар ҳолатҳо зарурати омӯзиш ва пажӯҳиши илмии инъикоси ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон марбут ба обро дар маводи матбуоти даврии тоҷик асоснок мекунад.

Муҳтавои диссертатсия ва таҳлилу баррасиҳои мавзӯъ нишон медиҳанд, ки докторант PhD ба мақсади ба миёнгузоштаи худ ноил гардидааст. Дар таҳқиқоти мазкур диссертант кӯшиш намудааст, ки нақш ва мавқеъгирӣ, тарзи пешниҳод ва дигар ҷузъиёти инъикоси ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон марбут ба обро дар матбуоти даврии тоҷик мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳад.

Объекти таҳқиқро маводи матбуоти даврии тоҷик, аз ҷумла, рӯзномаҳои расмии Тоҷикистон “Ҷумҳурият”, “Садои мардум” ва нашрияҳои мустақили тоҷик “Нигоҳ” ва “Фараж” ташкил медиҳанд.

Предмети таҳқиқ ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон марбут ба об мебошад.

Диссертатсия аҳамияти илмиву амалӣ дошта, дар он бори аввал нақши матбуоти даврии тоҷик дар инъикоси ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон марбут ба об мавриди таҳқиқи диссертатсионӣ қарор мегирад. Ҳамчунин, дар таҳқиқот ба масъалаҳои назарӣ ва амалии проблемаҳои глобалии об ва иқлим, нақши Тоҷикистон дар баррасии мушкилоти мазкур, ҷанбаҳои омории баррасии мавзӯъ аз нигоҳи дараҷаи инъикос, истифодабарии жанрҳо ва теъдоди муаллифон дар саҳифаҳои матбуоти даврии тоҷик (солҳои 2000-2018) низ таваҷҷуҳ зоҳир шудааст.

Диссертатсия барои фанни Журналистикаи экологӣ, курсу семинарҳои махсус ва дарсҳои интихобӣ мавод дода метавонад.

Нуктаҳои муҳим ва натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли маърӯзаҳо дар конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии олимони ҷавони ДМТ таҳти унвони “Мактаби сулҳпарваронаи Пешвои миллат – роҳнамои ҷавонон барои имрӯзуояндаи дурахшон” бахшида ба 20 солагии Ваҳдати миллӣ ва соли ҷавонон (18 майи соли 2017) дар мавзӯи

“Норасоии об – мушкилоти глобалӣ”, конфронси ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи “Мушкилоти рушд ва дурнамои ВАО-и тоҷик” (бахшида ба 100-солагии профессор Воҳид Асрорӣ) (3 ноябри соли 2017) дар мавзӯи “Нақши матбуот дар баррасии масъалаи об (дар мисоли нашрияи «Фараж»)”, Шашумин конференсияи илмиву амалии ҷумҳуриявии “Саҳми занон дар рушди илм” (11 феврали соли 2019) дар мавзӯи “Баррасии масъалаи об дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон (дар мисоли маводи рӯзномаи «Ҷумҳурият»)”, конференсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи “Дипломатияи об ва омилҳои фарогири он дар бозтоби воситаҳои ахбори оммаи кишварҳои Осиёи Марказӣ” (25-26 ноябри соли 2019) дар мавзӯи “Баррасии роҳҳои ҳалли мушкилоти вобаста ба об дар матбуоти тоҷик” ва конференсияҳои ҳамасолаи ҷумҳуриявии илмӣ – назариявии ҳайати устодону кормандони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (солҳои 2017 - 2019) пешниҳод шудааст.

Доир ба мавзӯи диссертатсия як монография (“Ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон оид ба масоили об”. – Душанбе: Сино, 2018. - 112 с. ) ва 14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 8 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст:

[1-М] Баҳромзода, М. З. Ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон оид ба масоили об [Матн] / М. З. Баҳромзода. – Душанбе: Сино, 2018. – 112 с.

[2-М] Баҳромзода, М. Нақши Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баррасии проблемаҳои глобалӣ дар рӯзномаи “Ҷумҳурият” [Матн] / М. Баҳромзода// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон: бахши филологӣ. – Душанбе: “Сино”, 2016. - № 4/3 (203). - С. 271- 275.

[3-М] Баҳромзода, М. Инъикоси масъалаи об дар Радиои «Озодӣ» [Матн] / М. Баҳромзода// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон: бахши филологӣ. – Душанбе: “Сино”, 2016. - № 4/4 (206). – С. 305 – 309.

[4-М] Баҳромзода, М. З. Инъикоси мушкилоти об дар нашрияи “Фараж” [Матн] / М. З. Баҳромзода// Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе. - №4 (71). - 2017. - С 145-148.

[5-М] Бахромзода, М. З. Освещение проблем Рогунской ГЭС в Российской печати (по материалам издания “Независимая газета”) [Текст] / М. З. Бахромзода// Вестник университета РТСУ. - Душанбе. - 2017. - № 3 (59). - С. 253-257.

[6-М] Баҳромзода, М. З. Тағйирёбии иқлим ва пайомадҳои он [Матн] / М. З. Бахромзода// Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2018. – № 1 (60). - С. 229 – 237.

[7-М] Баҳромзода, М. З. Нақши нашрияи “Садои мардум” дар инъикоси ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон оид ба масоили об” [Матн] / М. З. Баҳромзода// Паёми Донишгоҳи миллӣ: Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2018. - № 1. – С. 285 – 291.

[8-М] Баҳромзода, М. З. Инъикоси мушкилоти сохтмони НБО-и Роғун дар нашрияи “Фараж” [Матн] / М. З. Баҳромзода// Паёми Донишгоҳи миллӣ: бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2018. - № 3. – С. 291 – 296.

[9-М] Баҳромзода, М. З. Инъикоси мушкилоти норасоии об дар рӯзномаи "Ҷумҳурият" [Матн] / М. З. Баҳромзода// Паёми Донишгоҳи миллӣ: бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2018. - № 7. – С. 299 – 306.

Диссертатсияи Баҳромзода Манижаи Зафаршодухт “Нақши матбуоти даврии тоҷик дар инъикоси ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон марбут ба об” ҷавобгӯйи талаботи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D), доктор аз рӯйи ихтисос буда, он ба ҳимоя аз рӯйи ихтисоси 6D051600 – рӯзноманигории байналхалқӣ тавсия карда мешавад.

Хулоса дар маҷлиси васеи кафедраи журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул шудааст.

Дар ҷаласа 15 нафар иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор”– 15 нафар, “зид” – нест, “бетараф” – нест.

Суратҷаласаи № 7, аз 13 апрели соли 2019.

Мудири кафедраи
журналистикаи байналхалқӣ, дотсент____________Қутбиддинов А. Ҳ.

Маълумот барои иртибот:
Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17,
тел: (+992) 935326022
Почтаи электронӣ: adab-75@mail.ru

Котиби илмии кафедра, дотсент_________________Мирзоалӣ С.

Маълумот барои иртибот:
Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17,
тел: (+992) 918873484
Почтаи электронӣ: suhrobjsm@mail.ru

Имзоҳои А. Қутбиддинов ва С. Мирзоалиро “тасдиқ мекунам”
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон_____________Тавқиев Э.Ш.